Парвандаи аттестатсионии № 9
19-уми сентябри соли 2020, суратҷаласаи №9

## ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ

6D. КОА-001-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дар бораи диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ).

Диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович дар мавзӯи «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Диссертант Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович соли таваллудаш 1985, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2007 ба ҳайси омӯзгори фанни забонҳои хориҷӣ (англисӣ) дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе фаъолият намудааст (аз 08.01.2007 №2-к-то 02.06.2007 №23-к).

Солҳои 2007- 2015 дар кафедраҳои “Филологияи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ” ва “Назарияи тарҷума ва услубшиносӣ”-и факултети забони англисӣ ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси ассистент фаъолият намудааст.

Солҳои 2015-2016 ба ҳайси муовини декан оид ба таълими факултети забонҳои романию германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода адои вазифа намудааст.

Аз соли 2016 то инҷониб, ба ҳайси муаллими калони кафедраи филология англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият менамояд.

Солҳои 2013-2017 аспиранти шуъбаи ғоибона дар назди кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

*Роҳбари илмӣ:* Файзализода Ҷумахон Хол - доктори илмҳои педагогӣ, директори муассисаи давлатии “Китобхонаи Миллӣ Тоҷикистон”

*Муқарризони расмӣ:*

*Юнусова Нафисахон Муродовна* - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

*Раҳмонов Ғаниҷон Раҳмонович* - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мутахассис оид ба худбаҳодиҳии сифати таҳсилоти департаменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

*Муассисаи пешбар:* Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

*Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:*

1. *Шербоев Саидбой* –доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.
2. *Аҳмадзода Зулфия Кабир* - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ноиби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.
3. *Сангинова Д.Н .*– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои тарбия ва иҷтимоии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Тақриз мусбат аст.
4. *Ахмедова Гулнора Усмоновна* - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Дар муҳокима ва мубоҳиса ширкат намуданд: докторҳои илмҳои педагогӣ, профессорон Шарипова Д.Я., Раҳимзода Х., Бандаев С., Ҷаматов С.С.

Диссертант доир ба мавзӯи таҳқиқот 12 мақола нашр намудааст, ки 7-тои он дар нашриёҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия ба табъ расидаанд:

*Номгӯи муҳимтарин корҳои илмие, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд:*

1.Назирқулов Т.А., Файзализода Ҷ.Х. Арзишҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда / Т.А. Назирқулов [Матн] // Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе. - 2019. - №4 (36). - С. 116-122;

2.Назирқулов Т.А., Файзализода Ҷ.Х. Ҷанбаҳои ҷузъҳои таркибии фарҳангӣ дар ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда/ Т.А. Назирқулов [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе. - 2020. - №1 (1). - С. 241-246;

3.Назирқулов Т.А. Таълими забони англисӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои маъданӣ-эстетикии хонандагон ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ /Т.А. Назирқулов [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2015. - №3/11 (188). - С. 227-229;

4.Назирқулов Т.А. Сохтор ва вазоифи фарҳанги забонии донишҷӯёни факултети забони англисӣ / Т.А. Назирқулов [Матн]// Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе. - 2015. - №4 (65). - С. 58-61 (бо забони русӣ);

5. Назирқулов Т.А. (бо ҳаммуаллиф) Таҷрибаи гуманитарӣ ҳамчун шакли аслии ташаккули ҳавасмандкуни касбии муаллимониояндаи муассисаи олии омузгорӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ / Т.А. Назирқулов [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2016. - №3/2 (198). - С. 191-195 (бо забони русӣ);

6.Назирқулов Т.А. Хусусиятҳои семантикии ташаккули феълҳо бо усули конверсия дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Т.А. Назирқулов [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2014. - №4/4 (140). - С. 106-108 (бо забони русӣ);

7.Назирқулов Т.А. Файзализода Ҷ.Х. Салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ / Т.А. Назирқулов // Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ дар замони муосир: Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ [Матн].- Душанбе-2019. - С. 196-200.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти ба анҷом расонидаи унвонҷӯ

- *муқаррар карда шуд*, ки ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар натиҷаи истифодаи технолдогияҳои инноватсионӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ коркард карда шудааст;

- *пешниҳод карда шуд*, ки донистани салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омодагии омӯзгориояндаи забони англисӣ аз анҷоми фаъолияти касбии муваффақонаю самарабахши педагогӣ гувоҳӣ медиҳад;

- *исбот карда шуд*, ки вазифаҳои дар назди донишҷӯён гузошташуда ба тадриҷ тағйир ёфта, заминаҳои фаъолнокии онҳо инкишоф меёбанд. Аз як марҳила ба марҳилаи дигар рағбати маърифтӣ, ҷанбаҳои ахлоқии фаъолиятиояндаи касбӣ, ҳавасмандӣ дар натиҷаи истифодабарии шаклу методҳои ғайрианъанавӣ, навоварона ба мутахассисони оянда имкон медиҳад, ки таҷрибаи фаъолияти эҷодию таҳқиқотиро азхуд намоянд;

- *муайян гардид*, ки салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ, ки дар фаъолияти касбӣ ба омили асосию аз ҷиҳати касб аҳамиятнок табдил меёбад, ҷузъи муҳимми таркибии омодасозии мутахассиси оянда ва шарти зарурии тарбияи ҳаматарафа ва рушди касбию шахсияти ӯ ба шумор меравад;

- асоснок карда шуд, ки таҳлили усулҳои мухталифи маънидоди мафҳуми «салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ» ҳамчун қисми таркибии ҷудонопазири фарҳанги педагогии мутахассисони оянда имкон медиҳад, ки моҳият, таркиб ва мазмуни он аниқ карда шавад;

- *пешниҳод карда шуд*, ки донистани салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омодагии омӯзгори ояндаи забони англисӣ аз анҷоми фаъолияти касбии муваффақонаю самарабахши педагогӣ гувоҳӣ медиҳад;

- *муқарар карда шуд*, ки проблемаи ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ ба таҳқиқоти илмие дахл дорад, ки фалсафаю педагогикаро дар ҳамкорӣ бо фарҳангшиносӣ, этика, психология ва фанҳои тахассусӣ тавъам месозад;

- *исбот карда шуд*, ки раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ низоми илман асосноки таълиму тарбияи донишҷӯёне мебошад, ки мутобиқ ба стандарти давлатии таълим ва махсусияти проблемаи мазкур ҳамчун категорияи фалсафӣ- педагогӣ таҳия гардидааст;

- *ошкор карда шуд*, ки дар раванди корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ натиҷаҳои баланди раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар натиҷаи амалисозии ҳамгироии фанҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои тахассусӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани курси махсуси ҳамгирои «Забони англисии муосир ва муоширати фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори оянда» ба даст меояд;

*Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз инҳо иборат аст:*

- ҷамъбасти донишҳои фалсафию педагогӣ доир ба салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ, ки тасаввуротҳои илмиро вобаста ба падидаи мазкури иҷтимоӣ-фарҳангӣ васеъ мегардонад;

- асоснок кардани таъсири маҷмӯи имкониятҳои муайяншуда ба самарабахшии раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ мусоидат мекунад;

- коркард ва асоснок кардани технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ ва бо далелҳои муътамад илмӣ асоснок намудани болоравии динамикаи ташаккулёбии падидаи мазкур, ҳамчунин ҳангоми истифодаи натиҷаҳои ташхис дар асоси меъёрҳои когнитивӣ ва рефлексивӣ аз сатҳи пасту миёна ба сатҳи баланд баровардани раванди омодасозии касбию педагогии мутахассисони оянда.

Барои ҳалли вазифаҳои бамиёнгузошташуда *методҳои зерин истифода шуданд:*

1. *Методҳои назариявӣ*: омӯзиш ва таҳлили адабиёт доир ба масъалаи мавриди таҳқиқ, стандартҳои таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ, синтез, муқоиса, моделсозии раванди таълим.

2. *Методҳои таҷрибавӣ*: мушоҳида, суҳбат, назарпурсӣ, мусоҳиба, санҷиши тестӣ, таҳлили маҳсули фаъолияти донишҷӯён, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ оид ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда ва ташкилу гузаронидани озмоиши педагогӣ.

3. Озмоишҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастии таҷрибаи таҳқиқотӣ.

4. Методҳои коркарди омории натиҷаҳои дар рафти таҷриба бадастомада ва шарҳи онҳо.

*Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нуктаҳои зерин дарҷ гардидаанд:*

1. *Асоснок карда шудааст*, ки методикаи рушд ва ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгорони ояндаи забони англисии дар рисолаи таҳқиқотӣ таҳияёфта самаранок буда, метавонад дар кори амалии дигар муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ бомувафаққият истифода гардад.

2. *Моҳият ва мавқеи* салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ *ошкор карда шуда, қайд шудааст*, он маҷмӯи хусусиятҳои ташкилдиҳандаи шахсияти омӯзгор, яъне шахси дорои донишҳои ахлоқӣ (ҷузъи иттилооту донишҳо), арзишҳои ахлоқӣ ва идеалҳо (ҷузъи арзишгароӣ) ва принсипҳои рафтори ботаҳамулонаи касбӣ (ҷузъи фаъолияти шахсӣ) мебошад.

2. *Исбот карда шуд*, ки ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ низоми илман асосноки таълим ва тарбияи донишҷӯёне мебошад, ки тибқи Стандартҳои давлатии таҳсилот ва махсусияти раванди мазкур ҳамчун категорияи фалсафӣ-методӣ ба роҳ монда мешавад. Ҷузъҳои асосии таркибии низоми мазкур мақсад, мазмун, равия ва натиҷа маҳсуб мешаванд, ки асоси модел ва технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси ин раванд ва ташхиси мунтазами сатҳи бадастомадаро ташкил медиҳанд.

3. *Самарабахшии раванди* ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ аз рӯи мавҷудияти низоме муайян карда мешавад, ки барои коркарди методика ҳамчун маҷмӯи шакл ва методҳои таъсиррасонии педагогӣ чун асос хизмат мекунад ва методикаи мазкур бошад, пешрафти пайдарҳами донишҷӯёнро аз марҳилаи репродуктивӣ (бемаҳсулӣ) тавассути марҳилаи маҳсулнокӣ ба марҳилаи эҷодкории фарогирии салоҳияти фарҳангӣ - ахлоқӣ таъмин менамояд.

4. *Асоснок карда шуд*, ки истифодаи усул ва технологияҳои нави таълим барои ба даст овардани натиҷаҳои баланд ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисиро ҷиҳати иҷрои шартҳои зерин таъмин менамояд: таъмини раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути тавъамсозии ҷузъҳои он - иттилооту донишҳо, арзишгарой ва фаъолияти шахсӣ; ҳамгироии фанҳо ҳангоми омӯзиши гурӯҳи фанҳои гуманитарӣ: («Муқаддимаи фаъолияти педагогӣ», «Методика», аз ҷумла фанҳои марбути забони англисӣ дар факултети забонҳои хориҷӣ).

*Аҳамияти натиҷаҳои ба дастомада дар амалия бо он тасдиқ мегардад, ки;*

1. Муҳтаво ва технологияи ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ ошкор карда шудааст.
2. Низоми таҳиягардидаи ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ барои коркарди методикаи махсуси марҳила ба марҳила ташаккул додани раванди мавриди таҳқиқ ҳамчун асос хизмат кард.
3. Маводи методие, ки муаллиф таҳия кардааст, имкон медиҳад, ки методикаи махсуси коркардшуда доир ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ дар раванди омодасозии касбӣ ва рушди маданияти омӯзгории ӯ ба кор бурда шавад.
4. Маводҳои таҳқиқот инчунин метавонанд барои курсҳои махсус, семинарҳои махсус, машғулиятҳои амалӣ, тренингҳо дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

*Дастовардҳои дигари илмӣ, ки навгонии илмӣ ва арзишмандии натиҷаҳои бадастомадаро шаҳодат медиҳанд:*

1. Моҳият ва сохтори ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ошкор карда шуд.
2. Имкониятҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди омӯзиши фанҳои тахассусӣ муайян карда шуданд.
3. Роҳу усулҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди омодасозии касбии онҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ коркард шуд.
4. Вазифаҳои асосии салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ ҳангоми ташкили навъҳои гуногуни фаъолияти омӯзишии донишҷӯён ва омӯзгор дар раванди таълими силсилаи фанҳои марбут ба забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мушаххас ва дақиқ карда шуданд.

*Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро инҳо таъмин менамоянд:* истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии таҳқиқот; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои таҳқиқот созгоранд; таҳлили шароитҳо ва

натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қавоиде, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи таҳқиқот ба миён гузошта шудаанд; тафтиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; муътамад будани натиҷаҳои бадастовардашуда; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии педагогии муаллифи диссертатсия.

*Натиҷаҳо ва хулосаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад:*

*Назария асос ёфтааст: - ба таълимоти фалсафие*, ки моҳияти мафҳумҳои «этика», «ахлоқ», «одоб», «фарҳанг»-ро ошкор менамояд; - консепсияҳои маълумоти педагогӣ; - идеяи фаъолият; - идеяи шахсиятгароӣ; - идеяи инсондӯстӣ; - идеяи низомнокӣ; - идеяи технологӣ; - идеяи ҳамгироӣ; - идеяи аксиологӣ; - равияи салоҳиятнокӣ дар таълим ва тарбия.

- *таҳлили санадҳои меъёрӣ*: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон», «Дар бораи маориф», Консепсияи мактаби миллӣ, Консепсияи рушди маънавӣ-ахлоқӣ ва тарбияи шахсияти шаҳрванди Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилот, Консепсияи таҳсилоти муттасил, назарияи раванди яклухти педагогӣ, назарияи ташаккулдиҳии шахсият, инчунин ҳуҷҷатҳои дастурии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ҶТ.

- *мавриди истифода қарор гирифтаанд:* асарҳои илмии олимони Тоҷикистон, Россия ва хориҷи кишвар доир ба проблемаи таҳқиқотии баррасишаванда.

- *муқаррар карда шудааст*, ки фарҳанги педагогӣ дар фаъолияти касбӣ ба омили асосӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятнок мубаддал гардидааст ва унсури муҳимми омодасозии касбии мутахассиси ояндаи забони англисӣ ва шарти зарурии тарбияи ҳаматарафа ва рушди касбию шахсияти ӯ маҳсуб меёбад, ки дар фарогирии салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ зоҳир мегардад.

- *муайян карда шудааст*, ки дар даҳсолаҳои охир рағбат ба масъалаҳои консепсияи фарҳангӣ-ахлоқӣ афзуда истодааст. Ҷузъи муҳимми таркибии ин раванд салоҳияти фарҳангӣ- ахлоқӣ мебошад, ки он аз маҷмӯи сифатҳои ҳамгирои шахсияти омӯзгор ҳамчун фарогирандаи допишу арзишҳои ахлоқӣ ва идеалҳо, принсипҳои ахлоқии рафтори касбӣ иборат аст ва чунин шахсият қодир ба рефлексияи омӯзгорӣ мебошад.

*Иштироки шахсии унвонҷӯ:*

1. Муаллиф ғояҳо ва қоидаҳои асосии диссертатсияро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда, амсилаи консептуалиро коркард намудааст, ки ин имконият додааст дар асоси муносибатҳои фаъолиятнок ва босалоҳият масъалаи ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-аҳлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ҳал карда шавад.

2. Иҷрои бевоситаи кори таҳқиқотӣ, тафсир ва тафтиши натиҷаҳои бадастовардашуда самарабахш омӯхта шавад.

3. Иштироки шахсии унвонҷӯ инчунин дар он ифода меёбад, ки вай КТМ, силлабус ва нақшаи нави таълимиро оид ба курси махсуси “Забони муосири англисӣ ва муоширати фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори оянда” коркард ва ба ҷараёни таълим ворид намудааст. Дар тартиб додани стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба забонҳои хориҷӣ барон мактабҳои олии ҶТ, дар коркарди курсҳои нави махсус ва барномаҳои таълимӣ-методӣ оид ба силсилаи фанҳои лингвистӣ-дидактикӣ ва психологӣ-педагогӣ, ки дар таълими озмоишӣ ворид гаштаанд, дар интихоби усулҳо ва тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди омӯзиши касбӣ, дар амалигардонӣ ва роҳнамоии бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, дар корои мустақилона ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва асарҳои интишоршуда, аз ҷумла дастурҳои таълимӣ-методӣ ва мақолаҳо ширкат варзидааст.

4. Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз ҷониби муаллиф тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои самаранокии ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгорони ояндаи забони

англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ таҳия карда шудаанд.

*Тавсияҳои асосӣ ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот:*

1. Таҳия ва татбиқи моделҳои педагогие, ки барои комилгардонии раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар ҷараёни таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мусоидат менамоянд;
2. Мукаммалсозии мазмуну моҳияти ташаккулёбии салоҳиятҳои ахлоқӣ фарҳангии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар ҷараёни таълими фанҳои тахассусӣ;
3. Таҳия ва татбиқи технологияи самараноки ташаккулёбии салоҳиятҳои ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати омодасозии онҳо;
4. Барои бомувафақият ташкил намудани раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар нақшаҳои таълимии онҳо дохил намудани курсҳои амалӣ ва курсҳои махсус, ки ба омоданамоии онҳо равона шудааст.
5. Методикаи рушд ва ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгорони ояндаи забони англисии дар рисолаи таҳқиқотӣ таҳияёфта самаранок буда, метавонад дар кори амалии дигар муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ бомувафаққият истифода гардад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ проблемаҳо ва вазифаҳое ҳаллу фасл мегарданд, ки ба меъёрҳои воҳидҳои дохила мутобиқанд ва онҳо бо натиҷаҳои таҳқиқоти баргузоргардида исбот карда мешаванд: ҷиҳати хулоса ва тавсияҳои амалӣ, шароитҳои педагогии оптималии коркардгардида, ки барои рушд ва ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ истифода мегарданд.

Шӯрои диссертатсионӣ ба хулосае омад, ки таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусиро дар бар гирифта, ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 19 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, __ нафар иштирок дошт, ки аз ин 9 нафар аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
«тарафдор» - 17 нафар,
«зид» - нест,
«баргаҳои беэътибор» - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сайфуллоев Х.Ғ.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** **Дадобоева М.С.**

19 сентябри соли 2020